# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович тахти унвони «Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ). – Хуҷанд, 2022. – 59 с.**

Диссертатсияи Баҳодурҷон Ашрапов ба яке аз масъалаҳои мубрам – муқоисаи падидаҳои забонӣ, билхоса ба таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи забони адабии тоҷикӣ дар асрҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ) бахшида шудааст. Осори асри XVIII дар забоншиносӣ тадқиқоти пурраи худро наёфтааст. Аз ин рӯ, ба риштаи муқоиса кашидани осори асрҳои XVIII ва XX аз ҷониби Б.Ашрапов қадамҳои нахустин дар ин риштаи забоншиносии муқоисавӣ мебошад. Аз ҷониби дигар, муқоисаи асрҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори М.Карминагӣ ва С.Айнӣ) ҳам аҳамияти назариявӣ ва ҳам ҷанбаи амалӣ дорад.

Дар қиёсу муқобила омӯхтани хусусиятҳои осори таърихии як аср бо осори асри дигар кори муҳим ва дар баробари ин заҳматталаб аст. Рисолаи Б.Ашрапов кӯшиши арзандаест дар илми забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ ва муаллиф муваффақ гаштааст, ки аз уҳдаи ин кори душвор бо сарбаландӣ барояд.

Аз рӯйи автореферат маълум аст, ки диссертатсияи Б.Ашрапов аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳафт фасл, бисту ду зерфасл, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқ, рӯйхати интишороти муаллиф ва замимаҳо иборат аст. Дар муқаддима мақсаду вазифа, асосҳои назариявӣ, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳ ва навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ

дар таҳқиқот, тасвиб ба амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

Дар боби аввал муаллиф кӯшиш намудааст, ки оид ба категорияҳои грамматикии исм, хусусиятҳои ҷамъбандии исмҳо, категорияҳои муайянӣ ва номуайянӣ, вежагиҳои морфологии исмҳои сохта баҳс намояд. Дар боби дуюми рисола таваҷҷуҳи муҳаққиқ ба он равона карда шудааст, ки пешванду пасвандҳои сифатсоз, категорияи дараҷа дар сифат, вандгунаҳои сифатсоз ва хусусиятҳои морфологии корбурди бархе аз сифатҳоро ба риштаи таҳқиқ кашад. Дар боби сеюми рисола ба таври мушаххас калимаҳои ифодакунандаи шумора, нумеративҳо ва хелҳои ҷонишин (шахсӣ, нафсӣ-таъкидӣ ва таъинӣ) таҳлилу баррасӣ ёфтааст. Қобили қайд аст, ки ҳангоми андешаронӣ ва таҳлил муҳаққиқ ба сарчашмаҳои эътимодноки илмӣ муроҷиат кардааст ва аз онҳо иқтибосҳо овардааст, ки ин ҳолат аз иқтидори илмии муаллиф гувоҳӣ медиҳад. Дар интиҳои кор муаллиф аз таҳқиқи анҷомпазируфта хулосаҳои муҳими баровардаашро дар ду қисм: дар қисмати аввал натиҷаҳои асосии илмии бадастомада (дар доираи 18 банд) ва дар қисмати дуюм тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳоро зикр намудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии рисоларо возеҳтар аз ҳама тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот марбут ба хулосаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки дар се банд баён ёфтаанд.

Муҳтавои диссертатсия тавассути конференсияҳои илмию амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва донишгоҳӣ ба мутахассисон ва умуман доираи васеи хонандагон манзур карда шудаанд.

Автореферати рисола муҳтавои баланди дорад ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф фикру андешаи ӯро комилан баён месозад.

Рисола, комилан, ҷавобгӯи талабот аст, вале пешниҳоде дорам, ки ба эътибор гирифтани он аз фоида холӣ нахоҳад буд. Дар сурати дар шакли китоб омода намудани натиҷаи таҳқиқот, мавзуъҳои бобҳои рисола бояд дар шакли рисолаҳои алоҳида ва бо дарназардошти меъёрҳову талаботи таълим чоп шаванд, зеро ҳар як ҳиссаҳои номии нутқ дар қиёс бо осори таърихии қарнҳои XVIII ва XX дар диссертатсия баррасӣ гардида, мавзуи алоҳида ва бисёр муҳиму фарох маҳсуб меёбанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи номзадии Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович бозгӯи он аст, ки рисола бо сабки мутобиқ ба меъёрҳои илмӣ ба қалам омада, ҷавобгӯи талаботи меъёрҳои рисолаҳои номзадӣ мебошад ва муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ) мебошад.

доктори илмҳои филология, профессор,
узви вобастаи Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон, муовини раиси Кумитаи забон
ва истилоҳоти назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон: С.Р.Раҳматуллозода

Имзои С.Р. Раҳматуллозода ро тасдиқ мекунам.
Мудири бахши умумӣ ва кор бо кадрхо Ш. Абдуллоев